ПРОТОКОЛИ № 22
маҷлиси Шурои диссертатсионии **6D.KOA-039**

аз «28» апрели соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

Раиси Шуро: Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 29 майи соли 2023, №135/шд, тасдиқгардида, 10 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 3 нафарашон докторони илми ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзӯи: «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ, (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ).

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ номзади илмҳои биологӣ Раҷабов Ҳ.И. ва аъзои комиссия номзади илмҳои ветеринарӣ Сатторов С.Ф., номзади илмҳои ветеринарӣ Андамов И.Ш. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзӯи: «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсия Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзӯи: «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси

4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ, (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ кард.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзӯи: «Таъсири *Bacillus subtilis* ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ, (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

Саторов Саидбег - профессор, доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи микробиология, вирусология ва имунологияи Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон.

Назруллозода Сулаймон Ҳабиб - номзади илмҳои ветеринарӣ, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнология таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристонидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя «10» июли соли 2026, соати 10-00_ муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 10 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест. **Якдилона қонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ветеринарӣ Амирбеков М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ветеринарӣ Ҳасанов Ф.Д.